## Шарҳи моҳонаи таваррум • ФЕВРАЛИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи феврали соли 2023 ба 0,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ ба андозаи 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯроквори 0,8 фоиз (саҳм дар таваррум 0,4 б.ф.) ва молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ба амал омад. Арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, бетағйир ҷамъбаст гардид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ асосан болоравии нархи биринҷ 1,8 фоиз, картошка 7,3 фоиз, пиёз 16,9 фоиз, сабзӣ 6,0 фоиз, карам 3,6 фоиз, бодиринг 24,9 фоиз, помидор 13,5 фоиз, нок 3,3 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ, кам шудани истеҳсол ва сард омадани фасли зимистон арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардидани бозори дохилӣ аз маҳсулотҳои ватанӣ ба амал омад.

Дар баробари ин, арзоншавии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи тухм 8,1 фоиз, шакар 2,3 фоиз, орди навъи якум 2,1 фоиз, равғани пахта 0,3 фоиз, равғани офтобпараст 0,1 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ва ба ин васила зиёд шудани талабот афзоиши нархи маводи дорувориӣ 0,3 фоиз, инчунин либос ва пойафзол 0,2 фоиз мушоҳида гардид.

**Сатҳи таваррумӣ солона бошад, дар моҳи феврали соли ҷорӣ ба 4,5 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,6 банди фоизӣ кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи моҳи феврали соли ҷорӣ дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз

**Таваррум моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррумӣ солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум ва шакар (бо фоиз, моҳона)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



ҷумла Туркия 55,2 фоиз, Қазоқистон 21,3 фоиз, Қирғизистон 16,2 фоиз, Ӯзбекистон 12,2 фоиз, Белорус 11,7 фоиз, Руссия 11,0 фоиз, Гурҷистон 8,1 фоиз ва Арманистон 8,1 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи феврали соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,9 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (феврали с. 2023) | Таваррум янв.-фев. с.2023 | Таварруми солона (феврал с.2023) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 3,2 | 9,9 | 55,2 |
| Қазоқистон | 1,3 | 2,4 | 21,3 |
| Қирғизистон | 1,5 | 3,0 | 16,2 |
| Ӯзбекистон | 0,5 | 1,3 | 12,2 |
| Белорус | 1,3 | 2,1 | 11,7 |
| Русия | 0,5 | 1,3 | 11,0 |
| Гурҷистон | -0,3 | 0,5 | 8,1 |
| Арманистон | 0,1 | 1,5 | 8,1 |
| Тоҷикистон | 0,4 | 0,9 | 4,5 |

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумии солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | | | 2023 | | Феврал тағйирёбии моҳона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Октябр | Ноябр | Декабр | Январ | Феврал | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **5,2** | **4,5** | **4,2** | **4,3** | **4,5** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **6,1** | **5,7** | **5,2** | **5,3** | **5,5** | **0,8** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 7,8 | 7,3 | 4,7 | 2,5 | 1,7 | -0,8 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 3,3 | 7,4 | 9,1 | 15,9 | 18,1 | 1,8 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 10,5 | 8,3 | 2,8 | -4,8 | -6,6 | -2,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -3,3 | -3,1 | -0,8 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -9,6 | -8,4 | -4,8 | -3,6 | -3,8 | -0,2 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 25,1 | 41,0 | 43,1 | 48,3 | 37,8 | -8,1 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,1 | 26,1 | 25,4 | 28,8 | 25,9 | 0,7 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 14,5 | 16,1 | 20,4 | 23,2 | 16,0 | 0,7 |
| Равғани растанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -6,5 | -8,6 | -10,6 | -11,3 | -10,0 | -0,2 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -5,5 | -6,7 | -6,9 | -5,8 | -5,5 | 1,0 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 14,4 | 10,6 | 12,1 | 14,8 | 18,6 | 8,0 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 10,0 | 5,8 | 6,2 | 2,0 | -0,2 | -2,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,5 | 14,5 | 14,0 | 13,4 | 13,4 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **4,9** | **4,9** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **0,7** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **5,5** | **5,5** | **2,9** | **2,8** | **2,8** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,8** | **3,8** | **3,9** | **4,1** | **4,4** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 2,0 | 3,0 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 0,2 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 7,5 | 7,2 | 3,8 | 4,2 | 4,2 | 0,1 |
| Моводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 17,2 | 22,1 | 22,6 | 24,9 | 24,8 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 10,1 | 10,0 | 11,2 | 7,0 | 7,3 | 0,3 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -8,2 | -15,0 | -21,2 | -25,1 | -22,0 | -0,6 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -5,2 | -5,4 | -1,7 | 3,1 | 3,1 | 0,0 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,3 | 5,7 | 5,4 | 5,3 | 5,4 | 0,1 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **5,0** | **2,4** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **0,0** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 5,4 | 5,8 | 4,4 | 3,2 | 5,6 | 0,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 5,4 | 7,0 | 7,0 | 8,0 | 8,0 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -21,0 | -20,8 | -29,6 | -46,8 | -39,1 | 1,2 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | 8,9 | -1,1 | -1,2 | 0,5 | -1,4 | -0,2 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,2 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 2,0 | 1,9 | 1,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 3,8 | 3,8 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 0,1 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо